**Ба Шӯрои диссетатсионии 6D.КОА-030-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои асри XXI бо фаъолияти густардатар вориди арсаи байналмилалӣ гардида, ба рушди дипломатияи иқтисодӣ таваҷҷӯҳи хосса равона намуд. Дар ин радиф, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи сиёсати хориҷӣ ва сиёсати “дарҳои кушода”-ро дар асри нав пешниҳод намуд, ки дар қаринаи онҳо истифодаи нисбатан самараноки имкониятҳои табиӣ, рушди иқтисодӣ ва тавсеаи муносибатҳо бо кишварҳои дуру наздики муваффақ, аз ҷумла Малайзия, Сингапур ва Индонезия ба назар расид.

Дар баробари ин, Малайзия, Индонезия ва Сингапур кишварҳои ангуштшумори асри XXI вобаста ба дастовардҳои иқтисодӣ ва ислоҳоти модернизатсионӣ шинохта шуда, дар маркази таваҷҷуҳи оламиён қарор доранд. Рушди муносибатҳо бо ин кишварҳо ҳамеша афзалиятнок буда, махсусан барои давлатҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон василаи рушди иқтисодиёт ва ворид шудан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя дониста мешавад, зеро иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли инкишофёбӣ қарор дошта, истифодаи пурраи иқтидори захираҳои гидроэнергетикӣ, дар сатҳи зарурӣ истихроҷ, коркард ва татбиқи канданиҳои фоиданок, инчунин ба кишвари сайёҳӣ табдил ёфтан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат шомил мегарданд. Дар ин радиф, ҳанӯз соли 2016 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) қабул гашта, дар қаринаи татбиқи ҳадафҳои стратегияи мазкур ҳам рушди муносибатҳои бо кишварҳои муваффақи ОҶШ ва ҳам истифодаи таҷрибаи пешқадами онҳо мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад. Омилҳои мазкурро

муаллиф ба назар гирифта, тақвияти ҳамкориҳои байнидавлатиро миёни Тоҷикистону кишварҳои Малайзия, Индонезия ва Сингапур чӣ дар шакли дипломатияи дуҷониба ва чӣ бисёрҷониба, дар доираи сохторҳои минтақавӣ зарур мешуморад.

Муаллиф, қайд намудааст, ки бо дарназардошти татбиқшавии СМР-2030 истифодаи таҷрибаи модели рушди иқтисодии кишварҳои ОҶШ ҳамчун намуна зарур буда, вобаста ба се принсип ва чор ҳадафи стратегияи мазкур бо се кишвари ОҶШ: Малайзия (бо Малайзия вобаста ба принсипи якум-боздоранда (пешгирии осебпазирии рушди оянда), Индонезия (бо Индонезия вобаста ба принсипи дуюм-саноаткунонӣ (баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ) ва Сингапур (бо Сингапур вобаста ба принсипи сеюм-инноватсионӣ (рушд дар асоси фановариҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар) ҳамкорӣ намудан мувофиқи мақсад буда, боиси татбиқи босамари СМР-2030 хоҳад гашт (саҳ.140).

Яке аз дастовардҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он бевосита дар асоси Консепсияи сиёсати хориҷӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин СМР-2030 таҳия шудааст. Бинобар ин муаллиф наздикшавии муносибатҳоро бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур омили пешрафти иқтисодиёт ҳисобида, қайд менамояд, ки истифодаи самараноки таҷрибаи маделҳои рушди иқтисодии кишварҳои зикршуда боиси ба даст овардани ҳадафҳои стратегии мамлакат низ мегардад.

Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши мавзӯъ, таҳлили сарчашмаҳо, мавзӯъ, объект, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми таҳқиқот нишон дода шудааст (саҳ. 4-26).

Боби якуми таҳқиқот - “Омӯзиши махсусиятҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ” ба таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ, ҷӯғрофӣ ва сиёсию геополитикӣ бахшида шуда, инчунин, умумиятҳои иқтисодӣ ва тафовутҳои раванди ҳамгироии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқиро дар бар мегирад.

Дар зербоби якуми ин боб - “Ҷанбаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва иқтисодии омӯзиши Осиёи Ҷанубу Шарқӣ” асосан масоили шаклгирии таърихии

минтақа ва омилҳои табдил ёфтани он ба минтқаи рушдёбандаи олам таҳлил гардида, хусусиятҳои хоси минтақа қсулҳои давлтдории кишварҳои минтақа низ инъикос ёфтаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки таърихан минтақаи ОҶШ бо дарназардошти мавқеи муфиди ҷуғрофӣ, дар гузаргоҳи муҳими роҳҳои баҳрӣ ва ҳавой қарор доштани он дар маркази диққати кишварҳои абарқудрат қарор гирифта буд, ки боиси рушди инфрасохтори замонавӣ, заминаи рушди ислоҳоти модернизатсионӣ ва омили ҷаҳишҳои бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишварҳои минтақа гаштанд. Дар ин радиф, вобаста ба ислоҳотҳои бузурги иқтисодӣ, дастовардҳои беназири ҷаҳонӣ, самтгирии сиёсати хориҷӣ ва таваҷҷуҳи кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ минтақаи ОҶШ ба яке аз марказҳои тиҷорати ҷаҳон табдил ёфтааст. минтақаи ОҶШ аз кишварҳои нави саноатӣ иборат буда, омили баланд гаштани нуфузи минтақа дар арсаи ҷаҳонӣ гаштааст. Дар атрофи ин дастовардҳо се омил вонамуд мегардад:

- таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрат;
- мавқеи ҷуғрофии минтақа бо дарназардошти захираҳои табиӣ;
- пеш гирифтани ислоҳоти иқтисодӣ ва модернизатсионӣ бо такя ба таҷрибаи кишварҳои муваффақи ғарбӣ, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ.

Зербоби дуюми боби якум - “Умумият ва вижагиҳои модели иқтисодии Малайзия, Индонезия ва Сингапур” бевосита ба омӯзиши ҷанбаҳои таърихии ташаккули кишварҳои нави саноатии ОҶШ бахшида шудааст, ки дар натиҷаи барҳам хурдани режими мустамликадорӣ бо омезиши таҷрибаи рушди иқтисодии кишварҳои хориҷӣ маделҳои муваффақи рушди иқтисодии кишварҳои ОҶШ ба миён омадааст.

Дар диссертатсия ёдовар шудааст, ки модели рушди иқтисодии кишварҳои ОҶШ-ро сармоядории ҷопонӣ бо афзоиши таваҷҷӯҳи худ ба дастовардҳои охирини инқилоби илмӣ-техникӣ ташкил намуда, амалан дар шароити онҳо ҷорӣ гардид, ки боиси рушди истеҳсолоти содиротмеҳварӣ ва боло рафтани нақши онҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон гашт.

Боби дуюми диссертатсия - “Ташаккул ва таҳаввули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур дар даврони истиқлол” марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва самтҳои ҳамкориҳои байнидавлатиро дар бар гирифта, имкониятҳо ва хусусиятҳои хоси рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо ҳар як давлати зикршуда таҳлил гардидааст.

Дар зербоби якуми боб - “Истиқрор ва рушди равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Малайзия” асосан раванди шаклгирии муносибатҳои гуногунсоҳаро бо давлати мусулмонии ОҶШ дар бар гирифта, ҷойгоҳи

Малайзия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, марҳилаҳои ташаккули ҳамкориҳо бо давлати пешрафтаи Осиё дар даврони истиқлолият мавриди таҳқиқоти комил қарор гирифтааст.

Ҳамкорӣ бо Малайзия яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Малайзия дар минтақаи босуръат рушдёбандаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дӯст ва шарики боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Малайзия ҳанӯз аз соли 1992 барқарор шудааст. Таҳаввули робитаҳо бошад, аз асри XXI вусъат гирифта, тағйироти куллӣ дар сатҳу сифати муносибатҳои ду давлат мушоҳида гардид. Таваҷҷуҳ ба ташаккули робитаҳо бо кишварҳои ОҶШ – Малайзия се омил дорад:

а) дастёбӣ ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи технология, сармоя, ашёи хом, инноватсия, модернизатсия ва маҳсулоти саноатӣ;

б) ҷалби сармоягузорони хориҷии кишварҳои ОҶШ – Малайзия баҳри татбиқи имкониятҳои табиии истифоданашудаи кишвари мо;

в) истифодаи таҷрибаи модели рушди иқтисодии Малайзия баҳри татбиқи ҳадафҳои СМР-2030 (саҳ.69-74).

Зербоби дуюми ин боб - “Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Индонезия ва Ҷумҳурии Сингапур” бевосита ба таҳқиқи раванди ҳамкориҳо ва имконияту шароитҳои рушди муносибатҳо бахшида шуда, хусусиятҳо ва тафовутҳои робитаҳои Тоҷикистону Индонезия ва Сингапур нисбат ба дигар кишвари ОҶШ таҳлил гардидааст.

Воқеаҳои муосири низоми муносибатҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама вобастагии мутақобилаи иқтисодии давлатҳо, зарурати рушди дипломатияи иқтисодӣ, омили амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ, раванди ҷаҳонишавӣ, инчунин тағийротҳои охири асри XX ва аввали асри XX1 ногузирии таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байнидавлатиро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Индонезия ва Сингапур аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта, бо дарназардошти беҳтар гардидани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат масъалаи наздикшавии робитаҳо бо кишварҳои муваффақи ОҶШ ҳадафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт (саҳ. 94-98).

Боби сеюми диссертатсия - “Мушкилот ва дурнамои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур” ба таҳқиқи мушкилиҳои мавҷудаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ, зарфиятҳои ҷойдошта дар рушди муносибатҳо ва дурнамои тақвияти робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи ОҶШ бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми ин боб - “Мушкилот ва зарурати рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ” асосан омилҳои мушкилии рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Индонезия ва Сингапур, роҳҳои ҳалли мушкилотҳои мавҷуда ва дарёфти соҳаҳои нави ҳамкориҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Мушкилот ва зарурати рушди муносибатҳо ду масъалаест, ки дар раванди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ОҶШ ба таври дақиқ омӯхта шуда, асоси таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад. Мушкилот дар рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои мусулмоние, ки бо дастовардҳои иқтисодӣ, таҷрибаи беназири ислоҳот ва раванди созгори модернизатсионии худ дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ камёбанд. Зарурати рушди муносибатҳо бошад, пеш аз ҳама дар дарёфти шарикони тиҷоратӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ, воридшавӣ ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, ашёи хом, инчунин тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои мусулмонии ОҶШ дониста мешавад. Аз тарафи дигар, ҷиҳати истихроҷ ва коркарди пурраи имкониятҳои табиии мамлакат истифодаи таҷрибаи кишварҳои мусулмонии ОҶШ дар қаринаи татбиқи СМР-2030 зарурати дигари рушди ҳамкориҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ мебошад(саҳ. 123-132).

Зербоби дуюми боби сеюм - “Дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур” баояндаи рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо дарназардошти татбиқи стратегияҳои миллии рушди мамлакат бахшида шуда, зарурат ва пешомадҳои гестариши робитаҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои пешрафтаи ОҶШ баррасӣ шудаанд.

Малайзия, Индонезия ва Сингапур кишварҳои ангуштшумори асри XXI вобаста ба дастовардҳои иқтисодӣ ва ислоҳоти модернизатсионӣ шинохта шуда, дар маркази таваҷҷуҳи оламиён қарор доранд. Рушди муносибатҳо бо ин кишварҳо ҳамеша афзалиятнок буда, махсусан барои давлатҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон василаи рушди иқтисодиёт дониста мешавад.

Аз ин рӯ, дурнамои рушди муносибатҳои байнидавлатӣ маҳз дар асоси дастовардҳо ва нишондодҳои иқтисодӣ, ҳавасмандии ҷонибҳо ва манфиату зарурaтҳо ташаккул меёбанд. Пеш аз ҳама бо кишварҳои ОҶШ, ки онҳоро вобаста ба суръати рушди иқтисодӣ “бабрҳои осиёӣ” (Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Гонконг ва Тайван) ва “аждаҳоҳои осиёӣ” (Малайзия, Таиланд, Индонезия, Филиппин ва Ветнам) меноманд, ки наздиксозии муносибатҳои

соҳаҳои афзалиятнок, махсусн бо кишварҳои Малайзия, Индонезия ва Сингапур дар оянда аз манфиат холӣ нахоҳад буд (саҳ. 141-145).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода ёфта, ҷанбаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва аҳамияти кишварҳои муваффақи ОҶШ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мушкилот, зарурат ва дурнамои рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ инъикос гардидааст ва муаллифи рисола як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои гуногунсоҳа бо кишварҳои Малайзия, Индонезия ва Сингапур дар даврони истиқлолият иброз намудааст. Дар рӯйхати адабиёт тамоми сарчашма ва маводи истифодашуда гурӯҳбандӣ шуда, номгӯи пурраи онҳо дар рисола оварда шудааст.

Дар баробари комёбиҳои диссертатсия, метавон эроду пешниҳодҳои зеринро ироа намуд, ки хеле зарурӣ мебошанд:

1. Бо дарназардошти зарурати рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои муваффақи ОҶШ, муаллиф ба ҳалли мушкилоти мавҷуда дар рушди муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ОҶШ аз нигоҳи танқидӣ камтар баҳогузорӣ намудааст;
2. Муаллиф дар таълифи диссертатсия ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Малайзия, Индонезия ва Сингапурро мавриди таҳлил ва таҳқиқот қарор додааст, вале тафовути ҳамкориҳоро нисбати якдигар бо Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон надодааст.
3. Муаллиф дар таҳқиқоти худ рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Малайзия, Индонезия ва Сингапур дар доираи сохторҳои минтақавӣ, махсусан Созмони ҳамкориҳои исломӣ, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ғ. ёдовар шудааст, вале ин қисми муҳими ҳамкориҳо дар зербоби алоҳида оварда нашудааст;

Новобаста аз эроду пешниҳодҳои ироа шуда, диссертатсия ба баҳои мусбӣ арзанда буда, ба тамоми талаботҳое, ки барои таҳияи диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯй мубошад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, таҳти №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, омода ва пешниҳод гардидааст ва муаллифи он Пайвандов Хайриддин Боймуродович бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Доктори илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Алиева Р.Р.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ;
ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169;
Тел: +992 (3422) 6-03-21;
E-mail: info@iet.tj;

**«Имзои Алиева Р.Р. - ро тасдиқ мекунам»**
**Мудири шӯъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Махмудов Ш.А.**